Ми то31
К-69

# ҚИССАИ БОЗАРГОН ВА ТӮТӢ

## 2



АЗ СИЛСИЛАИ ҚИССАҲОИ «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

БА ИФТИХОРИ 20-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ
ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚИССАИ
# БОЗАРГОН ВА ТӮТӢ

# 2

16106

Душанбе
«Адиб»
2011

Бозгӯи *Гулназар*
Муҳарир *Фарҳоди Карим*

«Маснавии маънавӣ», ки номи фарзанди фарзонаи тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро ҷовидон гардонидааст, дар саросари олам маълуму машҳур аст. Абдураҳмони Ҷомӣ дар васфи ин асар фармудааст:

***Маснавии маънавии Мавлавӣ***
***Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ.***

Мавлавӣ дар «Маснавии маънавӣ» барои тақвияти андешаву афкори худ аз бисёр қиссаву ривоятҳои халқӣ истифода кардааст. Инак, қиссаи дуюм.

ISBN 978-99947-2-099-6

© Нашриёти «Адиб», 2011



Бозаргоне пайи хариду фурӯш ба мулки Ҳиндустон рафтанӣ шуд. Вай пеш аз сафар аз наздикони худ мепурсид, ки аз сарзамини Ҳинд ба онҳо чӣ армуғоне орад ва ҳар як хоҳиши дилашро ба ӯ мегуфт. Ин мард Тӯтие дошт ва дар қафас нигоҳ медошт. Ба ӯ низ рӯ овард: «Эй Тӯтӣ, аз Ҳиндустон бароят чӣ орам?»

Тӯтӣ гуфт: «Дар Ҳиндустон бисёр ёрону бародарони ман ҳастанд. Чун онҳоро дидӣ, дарди диламро барояшон гӯй: «Эй бародарони озод, ки аз ҳавои биҳиштӣ нафас мегиреду аз шоха ба шоха меҷаҳед ва шодӣ мекунед. Ин ҷо ман ғарибу дар қафас маҳбусам. Маро ба ёд ореду фаромӯш накунед».

Бозаргон қавл дод, ки гуфтаҳои Тӯтии қафасиашро ба тӯтиёни озоди Ҳинд мерасонад. Вай ба сафар баромад ва дар боғистони шодобе тӯтиёни бисёреро дид. Маркаби худро боздошту пиёда шуд ва ба тӯтиён арзи дили Тӯтии қафасашро расонд. Ногоҳ тӯтие аз миёни тӯтиён ба худ ларзиду беҷон ба замин афтод. Аз ин ҳол Бозаргон ғамноку шикастадил шуд ва гуфт:



– Чаро ин паёмро расондаму сабаби марги ҷонваре шудам? Худо ин гуноҳамро намебахшад.

Бозаргон кори хариду фурӯши худро анҷом доду ба ватан баргашт ва ба ҳама наздикону ғуломону канизакон тӯҳфаҳо тақдим кард.

Тӯтӣ аз даруни қафас пурсид:

– Тӯҳфаи ман куҷост?

Бозаргон бо пушаймонӣ гуфт:

– Ман беҳуда паёми туро ба тӯтиён расонидам.

– Сабаби пушаймонии ту чист?

Бозаргон ҷавоб дод:

– Ҳамин ки суханони туро ба тӯтиён гуфтам, яке аз онҳо ларзиду ба замин афтод ва ҷон дод.

Тӯтии қафас аз нақли Бозаргон паёми тӯтии мулки Ҳиндро донист. Ларзиду фурӯ афтод ва ҷон дод.



Фиғони Бозаргон ба фалак печид:

– Эй войи Тӯтии хушхони ман! Дар боғҳои биҳишт чунин мурғро пайдо кардан маҳол буд. Вой бар ман! Чаро ин воқеаро ба Тӯтии ягонаам қисса кардам? Дод аз дасти забон!

Бозаргон дари қафасро кушоду Тӯтии бечонро берун андохт. Ногоҳ Тӯтӣ пар кушоду ба дуриҳо парвоз кард. Аз шодӣ мерақсиду меболид. Дигар озод буд.

Бозаргон аз поин фарёд зад:



Фиғони Бозаргон ба фалак печид:

– Эй войи Тӯтии хушхони ман! Дар боғҳои биҳишт чунин мурғро пайдо кардан маҳол буд. Вой бар ман! Чаро ин воқеаро ба Тӯтии ягонаам қисса кардам? Дод аз дасти забон!

Бозаргон дари қафасро кушоду Тӯтии бечонро берун андохт. Ногоҳ Тӯтӣ пар кушоду ба дуриҳо парвоз кард. Аз шодӣ мерақсиду меболид. Дигар озод буд.

Бозаргон аз поин фарёд зад:



– Ин чӣ фиребе буд, ки бо ман кардӣ?

Тӯтии озод аз баландӣ ҷавоб дод:

– Ёри ҳиндустониам бо рафтораш ба ман ёд дод, ки худро беҷон вонамуд кунам. «Тӯтии беҷону бесухан ба кӣ даркор? Хоҷаат туро аз қафас берун меандозад ва ту озод хоҳӣ шуд», – чунин буд паёми ёри дури ман.

Бозаргон ҳайрону мулзам аз дунболи Тӯтии хушбахт назар мекард ва ангушти ҳайрат мегазид.

# ҚИССАИ БОЗАРГОН ВА ТӮТӢ

*(Барои хурдсолон)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Ҳурфчин *Ш. Имомназарова*

Ба матбаа 30.06.2011. супорида шуд.
Чопа 7.07.2011 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 1.
Андозаи 60x84 1/8.Адади нашр 5000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.

9 789994 720996